**6. Шахсони ба Федератсияи Россия воридшаванда, ки ба сифати мутахассисони баландихтисос ба кор ҷалб мешаванд**

Иҷозати вурудро шахсони ба фаъолияти меҳнатӣ ба сифати мутахассисони баландихтисос ҷалбшаванда доранд. Дар ин сурат онҳо бояд дар рӯйхати ба ХФА ва ВКД-и Россия фиристодашудаи мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки ташкилот - корфармо дар доираи масъулияти онҳост, шомил гардида бошанд.

**Таваҷҷуҳ: Танҳо мутахассисони баландихтисосе, ки корфармоён омаданашонро бо ХБА ва ВКД-и Россия ҳамоҳанг кардаанд, имкони бо даъватномаи корфармоёни мазкур сафар карданро доранд.**



## Ҳамватанони муҳтарам!

Барои пешгирии хатари вайронкунии қонунгузории муҳоҷиратии Федератсияи Россия бо исрор ба ҳар нафаре, ки мехоҳад ба Россия сафар кунад, тавсия медиҳем, ки пеш аз банақшагирии сафар барои машварат ба шуъба ва бахшҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати мехнат, мухочират ва шугли ахолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тавассути телефони боварии ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» муроҷиат кунед.

**Раёсати хадамоти муҳоҷират дар Душанбе (+992) 37 221-62-61**

**Телефони боварии Ташкилоти Ҷамъиятии «Центр по правам человека» (+992) 989 131 131**

Funded by the European Union

Implemented by

ICMPD International Centre for Migration Policy Development

ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

MINISTRY OF LABOUR, MIGRATION AND EMPLOYMENT OF POPULATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

HUMAN RIGHTS CENTRE ЦЕНТР ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА

МАРКАЗИ ЗАХИРАВИИ МУҲОҶИРОН MIGRANT RESOURCE CENTRE

# ЁДДОШТ БАРОИ ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАИ ВОРИДШАВӢ БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ШАРОИТИ ПАНДЕМИЯ

## Ки ҳуқуқи вуруд ба Россия дорад, аз моҳи январи соли 2021

Бо фармоиши Ҳукумати Федератсияи Россия таҳти рақами 635 аз 16 марти соли 2020 «Дар бораи муваққатан маҳдуд кардани вуруди шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ба Федератсияи Россия ва боздоштани муваққатии додани раводид ва даъватномаҳо», категорияҳои зерини одамон метавонанд вориди кишвар шаванд:

**1. Шахсоне, ки хешовандони наздики шаҳрвандони ФР мебошанд**



Хешовандони наздик - ҳамсарон, фарзандон, волидон, инчунин васиён ва парасторони шаҳрвандони ФР мебошанд. Барои ворид шудан ба ин категорияи одамон ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дараҷаи хешутаборӣ заруранд: агар волидайн шаҳрвандони ФР бошанд, пас нусхаи шиносномаи россиягии волидайн (васӣ, парастор), шаҳодатномаи таваллуди ба забони русӣ тарҷумашудаи ин шахс ва шиносномаи хориҷии ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи ӯ лозиманд.

**Таваҷҷуҳ: бародарон, хоҳарон, амаку тағоҳо ва аммаву холаҳо хешовандони наздик ба ҳисоб намераванд! Аз ин рӯ, холаву аммаҳо, тағову амакҳо, ҷиянҳо ва ғайра айни замон бо даъвати шаҳрвандони Россия ворид шуда наметавонанд**

**2. Шаҳрвандоне, ки ба Федератсияи Россия бинобар марги хеши наздик (ҳамсар, падар ё модар, фарзандон, падархонд, фарзандхонд, васӣ ва парастор) ворид мешаванд**

Ба таври дар ҳолати боло овардашуда, шаҳрвандони Тоҷикистон метавонанд дар сурати фавти хешованди наздик ба Федератсияи Русия ворид шаванд. Қонунгузорӣ ба таври возеҳ муайян мекунад, ки ба ин гурӯҳ киҳо шомиланд - ҳамсарон, волидайн, фарзандон, фарзандхондагон ва васиён. Дар чунин ҳолат, шаҳрванде, ки ба Федератсияи Россия ворид мешавад, бояд ҳуҷҷатҳои эътиборноки тасдиқкунандаи шахсияти худ ва аз ҷониби Федератсияи Россия ба ин сифат эътирофшаванда, нусхаҳои шаҳодатномаи ё маълумотномаи марг ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дараҷаи хешу табориро пешниҳод кунад.

**3. Шахсоне, ки дар Федератсияи Россия ба таври доимӣ истиқомат мекунанд, яъне шахсоне, ки иҷозатнома барои истиқомат доранд (ИБИ)**



Ба чунин шахсон иҷозати вуруди якдафъаина дода мешавад ва агар аз замони боздоштани алоқаи ҳавоӣ – ин шахс аллакай Федератсияи Россияро тарк карда бошад, пас ӯ метавонад танҳо пас аз барқарор шудани алоқаи ҳавоӣ байни Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дубора вориди Россия шавад.

**Таваҷҷуҳ: хешовандони наздики ин шахсон наметавонанд ба Россия ворид шаванд. Ин танҳо ба худи ин шахсон имконпазир аст.**

**4. Шахсоне, ки иштирокчиён ва аъзои оилаи иштирокчиёни Барномаи давлатии мусоидат ба кӯчонидани ихтиёрии ҳамватанони бурунмарзӣ буда, дар Федератсияи Россия истиқомат мекунанд**



Шахсони мазкур дар сурати пешниҳод намудани шаҳодатномаи иштирокчӣ ва дар ин шаҳодатнома будани сабти ба қайд гирифта шудани онҳо ҳамчун аъзои оилаи иштирокчии Барномаи давлатӣ ба Россия рафта метавонанд.

**Таваҷҷуҳ! Дар айни замон вуруд ба Федератсияи Россия барои шахсони дигар - шаҳрвандони Тоҷикистон, ки барои вуруд асос надоранд, рондашавӣ, қабули қарор дар бораи будубоши номатлуб, ихроҷ ба муддати тӯлонӣ ё ихроҷи якумрӣ бо ситондани ҷаримаи калон таҳдид мекунад. Инчунин маҳрумшавӣ аз озодӣ ба мӯҳлати аз 2 то 5 сол таҳдид мекунад.**

**5. Шахсоне, ки барои табобат ба Федератсияи Россия ворид мешаванд.**



Ин шахсон бояд маълумотномаҳои тиббии тасдиқкунандаи зарурати табобат дар Россияро пешниҳод кунанд ва инчунин аз муассисаи тиббӣ даъватномае, ки дар он вақти гузарондани табобат нишон дода мешавад, гиранд. Мазмуни чунин даъватнома бояд ҳадафи сафари мазкурро тасдиқ кунад.

**Таваҷҷуҳ: Сохтакорӣ намудани маълумотномаҳои тиббии қалбакӣ қатъиян тавсия дода намешавад! Сохтакории ҳуҷҷатҳо боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан мегардад.**
**Бо сабаби ҳолатҳои зиёди сохтакории чунин маълумотномаҳо аз ҷониби шаҳрвандони ИДМ даъватномаи аз муассисаи тиббӣ додашуда аз ҷониби кормандони Хадамоти сарҳаддии Хадамоти федералии амнияти Россия дақиқан тафтиш карда мешавад**

